Замима

ба қарори Ҳукумати

Ҷумҳурии Тоҷикистон

аз 27 июли соли 2024, № 428

# Тартиби бозомӯзӣ, такмили ихтисос вааттестатсияи адвокатҳо

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Тартиби бозомӯзӣ, такмили ихтисос ва аттестатсияи адвокатҳо (минбаъд - Тартиб) дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ» таҳия гардида, тартиб ва раванди бозомӯзӣ, такмили ихтисос, инчунин аттестатсияи адвокатҳоро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд.
2. Бозомӯзии адвокатҳо ин раванди таълимест, ки дар натиҷаи он дониши амиқ ва касбияти адвокатҳо такмил дода шуда, усули босуръати гирифтани таҳсилоти иловагӣ мебошад, ки тавассути он ба масъалаҳои бевосита ба касбият алоқамандбуда таваҷҷуҳи асосӣ дода мешавад. Мақсади бозомӯзӣ ин такмили донишу малакаҳои назариявӣ ва амалӣ дар касби адвокатура мсбошад.
3. Курси такмили ихтисоси адвокатҳо ин раванди таълимест, ки адвокат дар рафти он дониш ва малакаи касбии худ, инчунин қобилиятҳои мавҷударо дар доираи касби адвокатӣ такмил медиҳад. Мақсади такмили ихтисоси адвокатҳо ин баланд бардоштани дониши касбии адвокатҳо, такмили малакаҳои кордонию коргузории онҳо, омодагии онхо ба иҷрои уҳдадориҳои худ оид ба расонидани ёрии ҳуқуқии касбӣ ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар сатҳи баланди тахассусӣ мебошад.
4. Бахри нигоҳ доштани сатҳи зарурии тайёрии касбӣ ва такмили донишҳои адвокат доир ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таҷрибаи татбиқи қонунҳо адвокатҳо уҳдадоранд дар панҷ сол як маротиба тахассуси худро баланд бардоранд.
5. Дар муҳлати зиёда аз панҷ сол нагузаштани курсҳои бозомӯзӣ ва такмили ихтисос асос барои боздоштани мақоми адвокат мегардад.
6. Аттестатсияи адвокатҳо ҳамчунин бо мақсади муайян намудани мувофиқатии адвокат ба касби ишғолнамудааш, ки бо роҳи баҳодиҳӣ ба сатҳи дониш, малака, маҳорат ва тайёрии касбии ӯ муайян карда мешавад, гузаронда мешавад.

## 2. БОЗОМӮЗӢ ВА ТАКМИЛИ ИХТИСОСИ АДВОКАТҲО

7. Муассисаи таълимие, ки бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси адвокатҳоро амалӣ менамояд, аз ҷониби адвокат мустақилона интихоб карда мешавад.
8. Иттифоқи адвокатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - Иттифоқи адвокатҳо) бо мақсади бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси адвокатҳо метавонад Маркази такмили ихтисоси адвокатҳоро таъсис ё машғулиятҳои махсусро ташкил намояд.
9. Иттифоқи адвокатҳо нақшаи ҳарсолаи бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси адвокатҳоро тасдиқ карда, курсҳои бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси адвокатҳоро ташкил менамояд.
10. Назорати бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси адвокатҳо аз ҷониби Иттифоқи адвокатҳо ба роҳ монда мешавад.
11. Барои нигоҳ доштани сатҳи зарурии тайёрии касбӣ ва такмили дониши худ адвокатҳо уҳдадоранд дар панҷ сол бо давомоти на камтар аз 80 соат ва дар як сол на кам аз 16 соат курси бозомӯзӣ ва такмили ихтисос гузаранд.
12. Ба адвокатҳое, ки ҳамаи талаботи барномаи бозомӯзӣ ва такмили ихтисосро бо муваффақият иҷро кардаанд, шаҳодатнома аз ҷониби муассисаи таълимӣ дода мешавад.
13. Иттифоқи адвокатҳо ба Комиссияи тахассусии назди Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - комиссияи тахассусӣ) оид ба адвокатҳое, ки курси пурраи бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси адвокатҳоро нагузаштаанд ва асос барои боздоштани мақоми адвокатии онҳо гаштааст, маълумот пешниҳод менамояд. Муҳлат, шакл ва тартиби пешниҳод намудани маълумотро Иттифоқи адвокатҳо муайян менамояд.

## 3. АТТЕСТАТСИЯИ АДВОКАТҲО. ТАРТИБИ ТАШКИЛ ВА БАРГУЗОРИИ ОН

14. Вазифаҳои аттестатсияи адвокатҳо аз инҳо иборат мебошанд:

- баланд бардоштани сатҳи масъулиятнокии адвокат зимни расонидани ёрии ҳуқуқӣ;

- таъмини рушди касби адвокатӣ;

- ҳавасмандгардонии фаъолияти касбӣ ва сифатноки адвокат;

- пешбинӣ намудани ҷораҳо оид ба такмили ихтисоси адвокатҳо.

15. Принсипҳои асосии аттетстатсияи адвокатҳо инҳо мебошанд:

- ошкоро гузаронидани аттестатсия;

- таъмини шаффофияти аттестатсия;

- эҳтироми тарафайн (аттестатсияшаванда ва аъзои комиссияи тахассусӣ) ҳангоми гузаронидани аттестатсия;

- баҳодиҳии объективонаи дониши адвокати аттестатсияшаванда.

16. Мақомоти минтақавии Иттифоқи адвокатҳо рӯйхати адвокатҳоро оид ба гузаштан аз аттестатсия омода намуда, ба Иттифоқи адвокатҳо пешниҳод менамояд.
17. Ҳар як адвокат дар 5 сол як маротиба аз аттестатсия гузаронида мешавад. Муҳлати мазкур аз лаҳзаи ба узвияти Иттифоқи адвокатҳо қабул карда шудани адвокат оғоз мегардад.
18. Аттестатсияи адвокати дар рухсатӣ барои ҳомиладорӣ ва таваллуд, рухсатӣ барои нигоҳубини кӯдак қарордошта, инчунин адвокати гирифтори бемориҳое, ки иштироки ӯро дар аттестатсия ғайриимкон мегардонад, баъд аз анҷоми рухсатӣ ва ё шифо ёфтан дар давоми 6 моҳ гузаронида мешавад.
19. Ба аттестатсия адвокате роҳ дода мешавад, ки тибқи Тартиби мазкур аз курсҳои бозомӯзӣ ва такмили ихтисос гузаштааст.
20. Аттестатсияи адвокатҳо аз ҷониби комиссияи тахассусӣ гузаронда мешавад.
21. Рӯйхати адвокатҳо ва маводи дахлдор нисбати адвокат ба комиссияи тахассусӣ аз ҷониби Иттифоқи адвокатҳо пешниҳод карда мешавад.
22. Оид ба санаи даъвати ҷаласаи комиссияи тахассусӣ Иттифоқи адвокатҳо на дертар аз 10 рӯз пеш огоҳ карда мешавад.
23. Номгӯйи маводе, ки барои аз аттестатсия гузаштани адвокат ба комиссияи тахассусӣ пешниҳод карда мешавад, бояд инҳоро дар бар гирад: маълумот оид ба гузаштан аз курсҳои бозомӯзӣ ва такмили ихтисос; маълумотҳои дигаре, ки адвокат барои натиҷаи мусбати аттестатсия зарур ҳисоб намояд, ба истиснои маълумоте, ки дорои сирри адвокатӣ мебошанд.
24. Рӯйхати адвокатҳое, ки аттестатсия мешаванд, 10 рӯз қабл аз пешниҳод ба комиссияи тахассусӣ тасдиқ гардида, дар сомонаи Иттифоқи адвокатҳо ҷой дода шуда, ҳар адвокати аттестатсияшаванда на дертар аз 5 рӯз қабл аз аттестатсия аз ҷониби Иттифоқи адвокатҳо ва мақоми минтақавии он хабардор карда мешавад.
25. Адвокат ба аттестатсия тариқи мактуби огоҳӣ, телефон, паёмак ё почтаи электронӣ даъват карда мешавад.
26. Ҳангоми ба аттестатсия ҳозир нашудани адвокат, аттестатсияи ӯ то ҷаласаи навбатии комиссияи тахассусӣ мавқуф гузошта мешавад. Дар сурати бе сабабҳои узрнок се маротиба ба ҷаласаи комиссияи тахассусӣ барои аттестатсия ҳозир нашудани адвокат, ки ба таври дахлдор оид ба вақти баргузории аттестатсия огоҳ шуда буд, адвокат аз аттестатсия нагузашта ҳисобида шуда, мақоми адвокати ӯ қатъ карда мешавад.
27. Аттестатсияи адвокат аз ҷониби комиссияи тахассусӣ тариқи суҳбат гузаронида мешавад.
28. Номгӯйи саволҳои аттестатсияи адвокатҳо аз ҷониби комиссияи тахассусӣ тасдиқ карда шуда, барои дастрасии онҳо дар муҳлати на камтар аз 3 моҳ қабл аз баргузории ҷаласаи комиссияи тахассусӣ дар сомонаи Иттифоқи адвокатҳо ҷой карда мешавад.
29. Ҳар як узви комиссияи тахассусӣ адвокати аттестатсияшавандаро дар асоси суҳбат ва ҷавобҳо ба саволҳои аз ҷониби узви комиссияи тахассусӣ додашуда баҳогузорӣ менамояд. Ҳангоми аттестатсияи узви комиссияи тахассусӣ, ки аз ҳисоби намояндагони адвокатҳо мебошад, ӯ дар баҳодиҳӣ ва овоздиҳӣ иштирок намекунад.
30. Узви комиссияи тахассусӣ ҳангоми баҳогузорӣ нисбати адвокат мустақил мебошад.
31. Баҳои узви комиссияи тахассусӣ, ки ба адвокати аттестатсияшаванда гузошта мешавад, иборат аз «5» - аъло, «4» - хуб, «3» - қаноатбахш ва «2» - ғайриқаноатбахш буда, дар ҷадвали баҳодиҳии адвокат гузошта мешавад. Ҷадвали мазкур аз тарафи ҳар як узви комиссияи тахассусӣ алоҳида пур карда шуда, ба парвандаи шахсии адвокат замима карда мешавад.
32. Қарори комиссияи тахассусӣ оид ба масъалаи гузаронидани аттестатсияи адвокатҳо бо аксарияти овозҳо бе иштироки адвокати аттестатсияшаванда қабул карда мешавад.
33. Аз натиҷаи баҳогузории ҳар як узви комиссияи тахассусӣ баҳои умумии миёна муайян карда мешавад, ки он дар варақаи аттестатсионӣ нишон дода мешавад. Баҳои 3 ва зиёда аз он асоси гузаштан аз аттестатсия мебошад.
34. Дар сурати баробарии овозҳои аъзои комиссияи тахассусӣ натиҷаи аттестатсия ба фоидаи аттестатсияшаванда ҳал карда мешавад.
35. Комиссияи тахассусӣ ба фаъолияти адвокати аттестатсияшаванда хулосаи зерин медиҳад:

- оид ба гузаштан аз аттестатсия;

- оид ба нагузаштан аз аттестатсия.

36. Адвокате, ки аз аттестатсия нагузаштааст, ба ҷаласаи навбатии комиссияи тахассусӣ барои такроран супоридани аттестатсия даъват карда мешавад.
37. Дар сурати такроран нагузаштан аз аттестатсия, мақоми адвокат аз ҷониби комиссияи тахассусӣ бо пешниҳоди Иттифоқи адвокатҳо қатъ карда мешавад.
38. Қарор оид ба аттестатсияи адвокатҳо дар шакли протокол ба расмият дароварда шуда, ба он аъзои комиссияи тахассусӣ имзо мегузоранд.
39. Натиҷаи аттестатсия нисбати адвокат дар рӯзи гузаронидани аттестатсия эълон мегардад.
40. Оид ба қарори комиссияи тахассусӣ адвокати аттестатсиянашуда ё аттестатсияшуда метавонад ба суд шикоят намояд.
41. Аз натиҷаи аттестатсияи адвокатҳо комиссияи тахассусӣ Иттифоқи адвокатҳоро огоҳ намуда, он дар муддати то 3 рӯз дар сомонаи Иттифоқи адвокатҳо ҷойгир карда мешавад.

4.

## 4. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

42. Барои риоя накардани муқаррароти Тартиби мазкур шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон масъул мебошанд.